Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан...

# НУРАФШОН

Моҳи апрели соли 2022, №4 (81)

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

# ПЕШВОИ ТОҶИКОНИ ҶАҲОН



Аз таърихи гузаштаамон медонем, ки, ғолибон ва низоми сиёсии таъсисдодаи онҳо, чи рангу тобише ҳам дошта бошад, дар навбати аввал таърихро тахти назорат гирифта, дар хизмати ҳокимияти хеш қарор медиҳанд. Ҳамеша, дар ҳама ҷо, дар ҳама низомҳо дар гузашта ва имрӯз ҳамин гуна буду ҳаст.

Дар он замон, барои идеологияи коммунистии умумидавлативу умумихалқӣ истифодаи воқеоти таърихӣ, ҳаводис, гузаштаи халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ, ки бахри амалӣ шудани барномаи сохтмони ҷомеаи сотсиалистиву коммунистӣ мусоидат мекарданд, зарур ва муфид буд. Бинобар ин, барои он система омӯзиши таърихи халқҳои ҷудогонаи ИҶШС, ба истисноии халқи рус, муҳим набуд. Ҳарчанд ки халқи рус низ аз лиҳози ҳофизаи таърихӣ талафоти бисёр дода буд.

Акнун ба мо маълум аст, ки дар омӯзиши воқеии таърихи гузаштаи худ бештар аз ҳама (ман ба ин аслан шубҳа надорам) талафотро мо тоҷикон додаем. Замоне буд, ки ба мо таҷлили санаҳои таърихии марбут ба олимон, шуаро ва намояндагони бузурги фарҳанги асрҳои гузаштаро манъ мекарданд.

Фақат зикри тоҷик будани онҳо хашму танаффури маъмурони маҳаллии ҷумҳуриявӣ ва марказии ҳизбиву давлатиро бармеангехт. Мансубияти миллии онҳо мавриди шубҳаву нописандии ошкоро қарор мегирифт. Кӯшиши наҷибонаи эҳтиром гузоштан ба беҳтарин фарзандони замони гузаштаи дуру наздики халқи тоҷик чун зуҳури ғояҳои миллатчигӣ пиндошта мешуд ва дар робита ба ин ба ташаббускорони ин гуна иқдомот тамғаҳои гуногуни идеологӣ мечаспонданд. Намояндагони фарҳанг, илм ва санъати дар тамоми дунё машҳури моро ба беватанони (космополит) бе асл, бе насаб, бе миллат ва мардумамонро бошад ба манкуртҳое табдил медоданд, ки робитаашонро бо решаҳояшон гум кардаанду аз ҳофизаи таърихӣ маҳрум шудаанд. Таърихи халқи тоҷик аз замонҳои қадим то ба имрӯз нисбат ба таърихи халқҳои дигари Осиёи Миёна қасдан ба таҳрифи зиёд ва тақаллубот гирифтор мешуд. Аксари далоилу санадҳои таърихии халқи тоҷик махсусан дар мавриди мушкилоти сарнавиштсози таърихи навтарин мавриди махфидории махсус қарор мегирифт. Дар навбати худ, дастнорас будани маъхазҳои басо муҳиме, ки дар бойгониҳои ҳизбӣ зери муҳри «комилан махфӣ» нигаҳдорӣ мешуданд, дар он замон барои холисонаву саҳеҳ инъикос намудани аксари лаҳазоти муҳими таърихи нав имконият намедод.

Танҳо имрӯз, вақте ки халқи тоҷик озодии ҳақиқиву Истиқлолиятро ба даст овард, танҳо ба шарофати ҷидду ҷаҳди бузурги пешвои шуд Эмомалӣ Раҳмон бахри барқароривy пойдории сулҳу ризоияти шаҳрвандӣ дар кишвар имконпазир шуд, ки бори аввал дар тамоми ҷаҳон ҷашнҳои байналмилалии 1100 - солагии давлати Сомониён, соли тамаддуни Ориёӣ, соли Рӯдакӣ, 2500 – солагии шаҳри Истаравшан, 2500 – солагии Хуҷанд, 2700 – солагии шаҳри Кӯлоб ва ғайра бошукӯҳ ва густурда таҷлил гарданд.

*(Давомаш дар саҳ.3)*

# НАҚШИ УСТОД АЙНӢ ДАР РУШДИ ИЛМУ ФАРҲАНГ



***Тарбияи ахлоқию маънавии ҷавонон, бахусус донишҷӯён дар тамоми ҳаёти инсоният мақсади аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад, зеро асоси ҷомеаро одоб ва маънавият ташкил медиҳад. Омӯзиши эҷодиёти мутафаккирони тоҷику форс аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо бо мақсади тарбияи ҳаматарафаи насли наврас ба тарғиби масъалаҳои ахлоқӣ, ватандӯстӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва одоби хонаводагӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, инсондӯстӣ ва ҷанбаҳои дигари маънавиёти ҷавонон рӯ овардаанд.***

Яке аз чунин шахсиятҳои бузурге, ки осори ӯ саршор аз масъалаҳои ахлоқи баланди инсонӣ, ватанпарастӣ, хештаншиносӣ, инсондӯстӣ ва меҳнатдӯстӣ буда, маҳз ба тарбияи инсони комил бахшида шудааст, нависандаи машҳур, асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ба ҳисоб меравад.

Устод Айнӣ – олими намоён, аввалин Президенти Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон мебошад. Бо қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 8-сентябри соли 1997 Садриддин Айнӣ бо унвони баланд – «Қаҳрамони Тоҷикистон» қадрдонӣ карда шудааст. Қобили зикр аст, ки ба ҳаёту фаъолияти адабӣ, педагогӣ ва осори гаронбаҳои устод Садриддин Айнӣ тадқиқотҳои як қатор олимон, аз ҷумла, И.С.Брагинский, Б. Ғафуров, К. Айнӣ, Х.Айнӣ, А.Сайфуллоев, М. Шакурӣ, Ю.И. Бобоев, М.Лутфуллоев ва дигарон бахшида шудаанд.

Ӯ аввалин шуда дар асарҳои худ проблемаҳои тарбияи насли наврасро ба миён гузоштааст. Баробари муаллим будан С. Айнӣ инчунин бо таҳияи китобҳои мактабҳо машғул мешуд. Дар асарҳои «Таҳзиб –ус-сибён» (Тарбияи кӯдакон) ва «Духтарча ё Холида» ақидаҳои шахсии маорифпарварии ӯ доир ба тарбия, таълим ва мактаб баён шудаанд… С.Айнӣ ба адабиёти бачагона ҳамчун педагог ворид гардид ва фаъолияти ӯ дар ин ҷода бо таҳияи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои усули нав сурат гирифт ва минбаъд образҳои офаридаи қаҳрамони халқӣ дар асарҳои ӯ андешаҳои маорифпарварию педагогии нависандаро ифода намуда, ба ташаккули симои ахлоқии насли ҷавон таъсири зиёд расонид».

Олими намоён И.С. Брагинский, ки доир ба ҳаёт ва фаъолияти С. Айнӣ тадқиқотҳои зиёде анҷом додааст, чунин менависад: «Фаъолияти педагогии С. Айнӣ хеле муҳим ва аҳамиятнок буд ва дар натиҷа кӯшишҳои ӯ дар роҳи маорифпарварӣ ба куллӣ мухтавои нав пайдо намуданд. Ӯ барои тарбияи меҳнаткашон, махсусан ҷавонон бародар мекард. С.Айнӣ дар мактаби нав аввалин муаллим ба ҳисоб мерафт. Ин ҷиҳати эҷодиёти ӯ ба тамоми сабки усули фаъолияти адабии ӯ таъсир кард, ба асарҳояш содагии баён ва оммафаҳмӣ овард, ҷиҳати тарбиявии онҳоро дучанд гардонид».

Қайд кардан бомаврид аст, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» аз тарафи олимон ва хонандагон баҳои хеле баланд гирифта буд. Аз ҷумла, олими намоёни эронӣ, профессор Саид Нафисӣ дар тақризи худ чунин навиштааст «Аз ҳама баҳои басе баланди китоби номбаршуда аз он иборат аст, ки ин китоб мо, хонандагонро бо эҷодиёти бисёр шоирони туркистони ҳозира шинос намуд. Ҳар нафаре, ки ба адабиёти форс машғул аст, ҳатман бояд ин китобро дошта бошад».

Бояд қайд кард, ки таҳия ва нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» (1940) дар ҳаёти адабӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳодисаи хотирмон буд. Садриддин Айнӣ бо таълифи ин асар на фақат мавҷудияти миллати тоҷикро исбот намуд, балки нишон дод, ки халқи тоҷик ва адабиёти он аз замонҳои қадим ибтидо гирифта, то замони мо омада расидааст. Ин асар бо муаррифӣ ва намунаҳои осори Рӯдакӣ оғоз ёфта, бо эҷодиёти шоирони замони худи Айнӣ ба охир мерасад.

Нашри китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷавоби сазоворе буд ба душманону бадхоҳони миллат, ки мавҷудияти халқи тоҷикро инкор мекарданд. Дар ин хусус забоншиноси маъруф М. Шукуров чунин навиштааст: «Алҳақ, Садриддин Айнӣ яке аз бузургтарин фарзандони миллат аст, ки дар як давраи бӯҳронии сарнавиштсӯз фидокорона талош карда, барои таъмини бақои умри миллат қаҳрамониҳо нишон дода ва барои ин ки халқ аз зери харобазори таърих дубора сар бардорад ва қомат рост кунад, падарвор ғамхорӣ ва сарпарастӣ намудааст». Ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки дар ин давра оид ба масъалаҳои демократикунонии забони тоҷикӣ ва алфавити нав мубоҳисаҳои халқӣ сурат мегирифтанд. С. Айнӣ доир ба масъалаҳои мушкилоти забонӣ ва таҳияи китобҳои нави дарсӣ як силсила мақолаҳо таълиф менамояд. Андешаи асосии устод Айнӣ аз ҳамин иборат буд, ки нисбат ба забони тоҷикӣ муносибат эҳтиёткорона зоҳир намуда, асолати он нигоҳ дошта шавад ва аз забони зиндаи халқ калимаю ибораҳои мувофиқ интихоб гардида, бо ҳамин роҳ забони адабӣ ғанӣ гардонида шавад.

Ҳанӯз дар замони зиндагиаш ба эҷодиёти Садриддин Айнӣ шахсиятҳои барҷаста – Л.Леонов, Ю.Фучик, Ч. Айтматов, К. Федин ва чандин шоиру нависандагони адабиёти ҷаҳонӣ баҳои баланд додаанд.

Саҳми Садриддин Айнӣ дар ҷодаи адабиёт ва фарҳанги ҷаҳонӣ дар форуми умумиҷаҳонии нависандагони Осиё ва Африқо, ки соли 1962 дар Қоҳира (Қаир) баргузор гардид, махсусан зикр гардида, дар қатори чор нафар нависандагону мутафаккирони Шарқ, ки классикони адабиёти муосир шинохта шудаанд, номи Садриддин Айнӣ низ сабт гардид. Мувофиқи декларатсияи ин конференсия номи устод Айнӣ бо адибони забардасти машриқзамин Робиндранат Такур, Лу Син ва Тахо Хусейн дар як радиф гузошта шуд.

Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар мақолаи худ «Айнии мо» чунин менависад: «На ҳама вақт чунин муяссар мегардад, ки зиндагии як инсон бо ҳаёти халқ тавъам бошад. Ҳаёти Садриддин Айнӣ маҳз чунин сурат гирифт. Тамоми зиндагии ӯ бо ҳаёти халқ алоқаманд буд, аз рӯзҳои пуразияти гузашта то лаҳзаҳои фараҳбахши имрӯза» Қобили зикр аст, ки Садриддин Айнӣ барои хизматҳои шоёнаш бо унвони Корманди шоистаи илми РСС Тоҷикистон (1940) қадр карда шудааст, соли 1948 ӯ ба унвони илмии доктори илмҳои филологӣ сарфароз гардид. С.Айнӣ аввалин президенти Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон (1951) интихоб шудааст.

Ин фарзанди фарзонаи миллат барои хизматҳои шоёнаш бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо унвони «Қаҳрамони Тоҷикистон» қадрдонӣ карда шуд.

***Абдусатторова М., омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ***



Табиист, ки ҳамаи ин ҷорабиниҳо дар кори нигаҳдории ҳофизаи таърихӣ ва пойдории идеологияи миллӣ, инчунин дар муайян кардани ҳамонандии миллии тоҷикон таъсири бузургро мегузорад. Аммо ман як чизро намефаҳмам, чаро ҷашнҳои таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон (с.1924) ва ҶШС Тоҷикистон (с.1929) густурда таҷлил намегарданд. Охир маҳз ҳамин далели таъсисёбии давлатдории шуравии тоҷик, он ҳам бидуни ҷанги дохилии милливу озодихоҳӣ, барои эъломи оромонаи истиқлолият ва нообастагии Тоҷикистон дар санаи 9 сентябри соли 1991 асоси ҳуқуқӣ гардид.

Нахустин бор, пас аз муддати зиёд баъди Исмоили Сомонӣ, Нусратулло Махсум, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Шириншо Шотемур, Абдуқодир Муҳиддинов халқи тоҷик соҳиби чунин ходими давлативу ватандӯсте чун Эмомалӣ Раҳмон шуд, ки моро ба сӯи ҳадафи ниҳоӣ, ба ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу беҳбудӣ роҳнамоӣ мекунад. Мо Президенте дорем, ки пайгирона талошу кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ба халқи худ ҳофизаи таърихиашро баргардонад. Ӯ инсонест, ки дар рӯзҳои бениҳоят сахту фоҷиавӣ, вақте ки мухолифони мо қариб буд куштори бераҳмонаву микёсии бемислу монанди халқи тоҷикро ба роҳ монанд, - кишвари аз тарафи Худову сарнавишт атошударо нобуд созанд ва моро боз ба ҳақирону ғуломони асоратгарони бегона табдил диҳанд, вақт давлатамонро ба ихтиёри ӯ супурд. Дар давраи истиқлолияти мо ва сарварии Эмомалӣ Раҳмон олимони тоҷик барои худ ва халқашон аз нав таърихи ниёгон, корномаҳои ифтихоромезу қаҳрамононаи онҳоро кашф карданд, саҳми бузурги онҳоро ба тамаддуни, илму фарҳанги ҷаҳон воқеъбинона арзёбӣ намуданд. Бо сайъу кӯшиши олимони таърихшиноси ҷумҳурӣ доғҳои сафед дар саҳифаҳои таърихи дуру наздики мо руз то руз камтар шуда истодаанд.

Дар таърихи навини Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон на танҳо ҳамчун роҳбари шинохташудаи давлатӣ, балки чун пешвои ҳақиқии миллӣ ташаккул ёфтааст. Ин боиси хушҳолист ва ифтихори воқеист. Халқ бояд на танҳо роҳбари шоистаи худ ва пуштибоне на танҳо балки махсусан аз бадхоҳони худро дошта бошад. Тоҷикистон ва мардуми он натиҷаҳои марҳилаи рушди ҷумҳуриро ҳамчун як давлати мустақилу соҳибистиқлол ҷамъбаст намуданд.

Даҳсолаи аввал дар таърихи кишвар - ин воқеан як рӯйдоди аҳамиятнок аст ва давраест, ки комёбиҳову иштибоҳоти корҳои дар ин муддат анҷомдода муайян мешаванд. Бояд ба назар гирифт, ки солҳои авали давлатдорӣ барои Тоҷикистон марҳалаи содаву бегубор набуд. Муқобилияти мусаллаҳона ба иқтисодиёти давлат зарари ниҳоят бузург расонид ва ба талафоти калони инсонӣ боис шуд. Ҳаёти даҳҳо ҳазор одамон, ки дар ин солҳои фоҷиавӣ аз байн рафтанд, бебаҳост. Аз рӯи ҳисобу китоби пешакӣ ҷумҳурӣ ба миқдори зиёда аз 10 млрд. доллари ИМА зарар дидааст.

Вале, баъд аз истиқрори сулҳу субот, дар натиҷаи фаъолияти пурҷӯшу хурӯши роҳбарияти ҷумҳурӣ бо сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳаҷми зиёди корҳо ба анҷом расонида шуд. Ин корҳо ба сохтмону ба кор андохтани иншоотҳои дорои аҳамияти хоҷагии халқ тааллуқ доранд, ки ба ҳама маълуманд.

Роҳбарии кишвар, Президенти давлати хурд ё калон будан бисёр душвор ва мураккаб аст. Вақте ки ба ин мақоми масъулиятнок дар шароити харобшавиву ноосоиштагӣ пешбарӣ мекунанд, боз вазнинтар аст. Маҳз дар ҳамин марҳилаи фоҷиавӣ, вақте ки низоъҳои хунрезии байниминтақавӣ дар авҷ ва ҳама чиз хароб шуда буд, аз тарафи сардори давлат дар иҷлосияи ғайринавбатии ХVI-уми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ номзадии Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карда шуд. Ин ҳамон лаҳзае рух дод, ки ягон каси дигар хоҳиши роҳбари давлат шуданро надошт ва ҳатто касоне ҳам набуданд, ки барои аз уҳдаи чунин вазифаи душвор дар он шароит баромадани касе бовар дошта бошанд. Ин гуна, ба истилоҳ «фидоиён», ки ҳаёти худро ба хатари ҳалокатбор андозанд, ҳатто дар байни нафароне, ки дар он замон даъвои ба мақоми волои Сарвари давлат расиданро доштанд, ёфт нашуд.

Боз як хусусияти хоси ин давра он буд, ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар оғози кор дастгоҳи кормандонеро надошт, ки дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ҳамкорӣ бо давлатҳои хамсоя сатҳи баланди таҷрибаи кориро дошта бошанд. ғайр аз ин, худи сарвари нави давлат то он дам дар мақомоти ҷумҳуриявӣ кор накарда буд ва чунон ки мегӯянд, омодагии заруриро надошт. Ӯ ҳамчун як роҳбари бомаҳорат ва корманди хоҷагии сатҳи маҳаллӣ машҳур шуда буд.

Пас суол ба миён меояд, ки чи тавр ба ӯ муяссар шуд то ба ин сатҳ, ки имрӯз қарор дорад бирасад? Чӣ тавонист дар шароитҳои сахттарини низои байни тоҷикон, ки кишварро ниҳоят то созишномаи сулҳ ва дар оянда ба иттиҳоду оштии саросарии ҷамъияту халқ оварда расонид ва он муваффақияти пешакиро муяссар сохт?!

Вақте ки дар бораи ин рӯйдоди бесобиқа ба фикр фурӯ меравӣ, ба хулосае меоӣ, ки чизе ки иттифоқ афтод, тасодуфӣ набуд. Ҳисси роҳбарӣ ва ватандӯстӣ, ба зимми он пешвоии миллӣ дар вуҷуди Эмомалӣ Раҳмон дар лаҳзаҳои бӯҳронӣ хеле равшан ва ба пуррагӣ намудор гардид.

Ба ғайр аз ин, ба Сарвари давлати ҷавону ҷаззоб на танҳо шаъну шарафи ботинӣ, балки омилҳои берунӣ, яъне ҷаззобият, маҳорати ба худ моил кардан, рафтору кирдор, сурати зоҳирии зебо, сабру тоқат ва дарки тамоми душвориҳои вазъияти роҳбаре, ки идоракунии давлатро дар шароити илоҷнопазир ба дасти худ гирифта буд, кард.

Таҷрибаро Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон танҳо дар рафти роҳбарӣ андӯхт. Дар ин кор мулоқотҳои сершумор бо Сарварони кишварҳои хориҷӣ, иштирок дар саммитҳо ва форумҳои бузурги байналмилалӣ, вохӯриҳои мунтазам бо зиёиён эҷодкор нақш бозид.

***Темирова М., омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ***

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ БЕНАЗИРТАРИН ДАСТОВАРД ВА ОМИЛИ ИФТИХОРИ МОСТ!




***Ваҳдат неъмати пурганҷу бебаҳост, ки Худованд ин неъмати бебаҳоро ба халқи тоҷик лоиқ дидааст. Бояд гуфт, ки истиқлолияту ваҳдат дар таърихи навини халқамон ҳамчун омилҳои созанда дар самти бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва чун ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги таҳаммулгароӣ, барои пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлатамон заминаи асосӣ гузоштанд.***

Хотиррасон мешавам, ки дар оғози солҳои 90-ум давлати тозаистиқлоли мо ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки бар асари он тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар ба бухрони амиқ рӯбарӯ гардид. Дар гузашта халқи тоҷик оқибатҳои фоҷиабори ҷанги шаҳрвандиро паси сар намуда, ҳамеша ҷонибдори сулҳу оромӣ на танҳо дар кишвари азизамон, балки дар тамоми сайёра буда, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ низ даъват менамояд, ки барои бартарафсозии низоъҳои харобиовар ва таъмини сулҳу амният дастаҷамъона талош варзанд.

Имрӯз ватани азизамон аз файзу баракати истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ дар шоҳроҳи рушду устувор қарор дошта, сатҳу сифати зиндагӣ, маърифату ҷаҳонбинӣ ва эҳсоси худшиносиву ифтихори миллии ҳамватанони мо торафт таҳкиму густариш меёбад.

Бояд қайд намуд, ки ҳама пешравиҳо ва пирӯзиҳои то имрӯз ба даст омада бо шарофати соҳибистиқлолӣ ва ваҳдати миллиамон буда ҳифзи ин дастовардҳо вазифаи ҳар як тоҷик ва тоҷикистонӣ аст.

Хушбахтона халқи тоҷик дар фазои тинҷу осуда дар роҳи ваҳдат қадамҳои устувор гузошта, пеш рафта, тавассути сиёсати хирадмандона ва некбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муваффақиятҳои беназир ноил гашта истодааст. Дар ҳақиқат дастовардҳое, ки кишвари мо дар ин муддат ба он ноил гаштааст беназир буда, дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, ҳам дар сиёсат, иқтисодиёту иҷтимоиёт, ҳам фарҳангу маънавиётро дар бар гирифта дар ҷодаи таҳкими ваҳдати миллӣ заминаҳои устувор гузоштаанд.

Ҳанӯз аз ибтидои солҳои 2000-ум кишвари мо ба марҳилаи рушд дохил шуда, тавассути сурат бахшидан ба корҳои бунёдкориву созандагӣ ва тибқиислоҳоти фарогир дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, иқтисодиёт босубот пеш рафта сатҳи зиндагии мардум беҳтар гаштааст.

Дар соҳаи иқтисодиёт корҳое амалӣ шуданд ва шуда истодаанд, ки дар ҳаёти миллати мо дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меоваранд. Тавассути лоиҳаи нақлиётӣ имрӯз ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба василаи роҳҳои оҳан ва мошингард бо ҳам васл мешаванд ва ин амали неку пурарзиш босурат идома ёфта истодааст, ки ин худ пешрафти босуботи иқтисодиёти мамлакат маҳсуб меёбад.

*Разоқов Т. омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ*

**НУРАФШОН**

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
Исозода Д.Т.
Зувайдуллозода Ф.З.
Обидҷони Ш.Қ.
Шарифова З.Ҷ.
Ализода А.А.

*ТАРРОҲ:* Абдуалиев Б.С.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст.
Ба хотири гуногунандешӣ маводи матолибе низ нашр мешаванд, ки рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар маркази инноватсионӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.
Нишонии мо: н. Кӯшониён, Ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.
Сомонаи интернетӣ: www.det.tj